**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№4180/11.1-9 аз «10» 03 соли 2020

Ба №________ аз «___»________ соли 20___

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1676 ба моддаҳои 291-296 Кодекси андоз тағйиру иловаҳо ворид гардид.

Мутобиқи тағйироти воридгардида (қисми 4 моддаи 291 Кодекси андоз) супорандагони андози низоми содакардашуда ҳуқуқ пайдо намуданд, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва хароҷот пардохт намоянд.

Барои гузаштан ба чунин тартиб, яъне пардохт намудани андози низоми содакардашуда аз фарқияти даромад ва хароҷот адозсупорандагонро зарур аст, ки дар мӯҳлати муқарраршуда ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии худ тариқи ариза муроҷиат намоянд.

Тибқи муқаррароти моддаҳои 292 ва 293 Кодекси андоз объекти андозбандии андози низоми содакардашуда барои андозсупорандагони дар қисми 4 моддаи 291 Кодекси андоз муайяншуда, даромади умумие мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи боби 18 Кодекси андоз кам карда шудааст. Манбаи андоз ифодаи пулии даромади умумии дар давраи андоз гирифташуда, бо дар назар доштани тарҳи хароҷоти иҷозатдодашуда эътироф карда мешавад.

Даромади умумии супорандаи андози низоми содакардашуда аз даромадҳо оид ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, даромад дар шакли фоизҳо, даромад дар шакли роялтӣ, даромад аз рӯи фарқияти қурби асъор, даромад аз фурӯши ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла ба истифода додани иҷозатнома, нишони молӣ, таъминоти барномавӣ ва дигар даромадҳо иборат мебошад.

Мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 297 Кодекси андоз аз даромади умумӣ, ки мутобиқ ба боби 17 Кодекси андоз муайян шудааст, (ба истиснои даромадҳои тибқи қисми 5 моддаи 107 Кодекси андоз пешбинишуда) тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд, мутобиқ ба

АНДОЗИ НАЗДИ
УРИИ
804-9

муқаррароти моддаҳои 111-113, 118, 119, 122 ва 123 Кодекси андоз тарҳ карда мешаванд.

Аз даромади умумӣ тарҳи харочотҳои бо ҳуҷҷатҳои ба таври дахлдор ба расмиятдаровардашуда, иҷозат дода мешавад, аз ҷумла:

- харочоти тасдиқшудаи уҳдадориҳои андоз бо дарназардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи моддаи 123 Кодекси андоз;

- харочоти тасдиқшудаи музди меҳнат, харочоти сафарҳои хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои муқарраршуда;

- харочоти тасдиқшуда вобаста ба хариди ашёи хом, маводҳо, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда;

- андоз аз арзиши иловашудаи ба арзиши молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ бурдашуда;

- ҷаримаҳо, фоизҳо, ноустуворонаҳои таъиншуда ё эътирофшудаи вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ки бояд аз ҳисоби андозсупоранда пардохт шаванд (шудаанд), ба истиснои онҳое, ки бояд ба буҷет ворид гарданд;

- тарҳи пардохтҳо барои ташкилотҳои эҳсонкорӣ ва иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ дар ҳаҷми воқеии маблағҳои пардохтшуда, аммо на бештар аз 10 фоизи фоидаи андозбандишавандае, ки бе дарназардошти маблағҳои мутобиқи ин моддаи 113 Кодекси андоз тарҳшуда, муайян шудааст;

- харочот барои таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструктории вобаста ба гирифтани даромади умумӣ, ба истиснои харочот барои харидани воситаҳои асосӣ, васли онҳо ва дигар харочоти хусусияти асосидошта (капиталӣ) анҷом дода мешавад;

- ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддие, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд;

- тарҳи маблағ нисбат ба ҳар як гурӯҳ оид ба харочоти таъмири воситаи асосии шомили гурӯҳи мазкур дар ҳаҷми воқеии маблағҳои чунин таъмир, вале на бештар аз 10 фоизи тавозуни арзишии гурӯҳ дар охири соли тақвимӣ иҷозат дода мешавад. Маблағи воқеии харочоти таъмир зиёда аз 10 фоизи тавозуни арзишии гурӯҳ ба афзоиши тавозуни арзишии ҳамин гурӯҳ дохил карда мешавад. Инчунин дигар харочоте, ки тарҳи онро Кодекси андоз манъ накардааст, аз даромади умумӣ кам карда мешавад.

Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки тибқи талаботи қисми 3 моддаи 111 Кодекси андоз, агар ҳамон як харочот дар якчанд моддаи харочот пешбинӣ шуда бошад, дар ин сурат ҳангоми ҳисоби фоидаи андозбандишаванда ин харочот танҳо як маротиба тарҳ карда мешаванд.

**Аз даромади умумӣ чунин харочотҳо тарҳ карда намешаванд (боби 18 Кодекси андоз):**

- тарҳ нисбат ба харочоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест;

- тарҳ нисбат ба харочоти вобаста ба сохтмон, истифодабарӣ ва нигоҳдории объектҳо, инчунин дигар харочоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолоти асосӣ) алоқаманд нест;

- харочоти вобаста ба хариди мол (кор, хизматрасонӣ) аз соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд;

- харочоти намояндагӣ ва дигар харочоти шабеҳ (гузаронидани чашнҳо, чойгиронии меҳмонон ва ғайра) дар доираи меъёри муайяннамудаи Вазорати молия;

- аз даромади умумии корфармо харочот аз ҳисоби корманди кироя вобаста ба фаъолияти меҳнатиаш;

- тарҳ нисбат ба арзиши молу мулки ройгон (хайрия) додашуда, корҳо ва хизматрасониҳои ройгон (эҳсонкорона), ба истиснои ҳолати пешбининамудаи моддаи 113 Кодекси андоз;

- ҳарочоти вобаста ба сохтмон, харидории воситаҳои асосӣ ва васли онҳо, (аз чумла харочоти фарқияти манфии қурби асъор ва фоизҳои қарзӣ) инчунин дигар харочоте, ки мутобиқи моддаи 153 Кодекси андоз хусусияти асосӣ (капиталӣ) доранд;

- тарҳ нисбат ба харочоти марбут ба мошинҳои сабукрав, ки дар ҳама давра дар чараёни давраи андоз дар ихтиёри кормандон ё саҳмдорон (иштирокчиёни андозсупоранда) барои истифодаи шахсӣ қарор дошт, аз чумла истифодаи он барои кашондани кормандон ба чои кор ва баръакс;

- саҳм ба сармояи оинномавӣ (шарикӣ), аъзоҳаққии саҳмӣ, пардохтҳо барои аз меъёр зиёд ба ҳаво партофтани моддаҳои ифлоскунанда, ҳаққҳо барои суғуртаи ихтиёрӣ, аъзоҳаққиҳои ихтиёрӣ ба ташкилотҳои чамъиятӣ, мукофотҳо ва тӯҳфаҳо дар вақти гузаронидани маъракаҳои рекламавӣ;

- фарқияти қурби асъор, ки аз қарзҳои шахсони мутақобилан вобаста гирифта шудаанд;

- маблағҳои пулӣ, молу мулк, корҳо, хизматрасониҳое, ки ҳамчун пешпардохт дода шудаанд, молу мулки ба сифати гарав, байъона додашуда;

- тарҳи харочоти аз меъёрҳои дар боби 18 Кодекси андоз муқарраршуда барзиёд;

- ҳиссачудокунии истеҳлокӣ доир ба воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддие, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд (дар фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ истифода мешаванд);

- андоз аз даромад ва андоз аз фоидае (андози низоми содакардашуда), ки дар худуди Чумҳурии Точикистон ё дар давлатҳои дигар супорида шудааст;

- чаримаҳо ва фоизҳое, ки ба бучети Чумҳурии Точикистон ё бучети дигар давлат пардохт шудаанд (бояд пардохт шаванд), инчунин дигар харчоте, ки тарҳи онро аз даромади умумӣ Кодекси андоз манъ кардааст.

Бинобар ин, шахсоне, ки андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва харочот пардохт менамоянд, мутобиқ ба талаботи моддаи 296 Кодекси андоз барои амалиётҳои накдӣ андози низоми содакардашударо бо меъёрҳои 14 фоиз (барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо) ва 16 фоиз (барои дигар намуди фаъолият) ҳисоб ва пардохт намуда, ҳангоми анчом додани амалиётҳои ғайринақадӣ мутаносибан аз рӯи меъёрҳои 13 ва 15 фоиз ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Ҳамзамон, супорандагони андози низоми содакардашуда, ки андозро аз рӯи фарқияти даромад ва хароҷот пардохт менамоянд, даромаду хароҷотро мувофиқ ба тартиби муқаррарнамудаи бобҳои 17 ва 18 Кодекси андоз пеш бурда, хароҷотҳои анҷомдодаашонро мувофиқан ҳангоми гирифтани даромад ба инобат мегиранд.

Бинобар ин, агар андозсупоранда дар давраи ҳисоботии андоз танҳо хароҷотҳоро анҷом дода, даромадро дар давраҳои минбаъдаи ҳисоботӣ ба даст орад, пас чунин хароҷотро танҳо дар ҳамон давраи андозе нишон медиҳад, ки мутаносибан даромад ба даст овардааст.

Ҳамчунин, агар андозсупоранда дар давраи ҳисоботии ҷории андоз даромадеро (аз ҷумла, пешпардохт) гирад, ки хароҷотҳоро вобаста ба он дар давраҳои минбаъдаи ҳисоботӣ анҷом диҳад, пас чунин даромади гирифташуда мутаносибан дар давраи амалӣ гардидани хароҷотҳо нишон дода шуда, андози низоми содакардашуда ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

Новобаста аз ин даромад ва хароҷотҳо дар ҳисоботҳои андоз як маротиба нишон дода мешаванд. Яъне, даромад ва хароҷотҳое, ки дар давраи гузаштаи ҳисоботӣ пешниҳод шудааст, дар давраҳои минбаъдаи ҳисоботӣ нишон додани онҳо манъ аст.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози низоми содакардашударо мутобиқи талаботи Кодекси андоз баррасӣ намоянд.

Раис Н.Давлатзода